**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии калимаҳои хоси шева дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмҳои доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст.**

Омӯзиши муқоисавии калимаҳои хоси шева ва лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаҳои мухталифи забони тоҷикӣ муҳим ва саривақтӣ буда, баррасии хусусиятҳои луғавию семантикӣ, фразеологӣ, фонетикӣ, сарфию наҳвӣ, калимасозӣ ва услубии шеваю лаҳҷаҳо ба мо имкон медиҳад, ки аз онҳо дурдонаҳои сараро ҷудо намуда, ба таркиби луғавии забони адабӣ шомил намоем ва аз истифодаи калимаву ибораҳои сунъисохт даст кашем. Мавзуи интихобнамудаи диссертант метавонад ба масъалаи муқоисаи вижагиҳои шева ва лаҳҷаҳои тоҷикӣ мусоидат намояд.

**Навгонии таҳқиқии** диссертатсияи мавриди назар дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал дар забоншиносии тоҷик калимаҳои хоси шева чун қабати махсуси лексикӣ дар асоси маводи лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи ҶӮ ва муқоисаи он бо шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ аз ҷиҳати назариявӣ ба таври мукаммал мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. Дар диссертатсия ба таври мукаммал ҷанбаҳои ташаккул ва такомули ин қабати лексикӣ, дар асоси омилҳои таърихӣ, этнографӣ, ҷуғрофӣ ба тағйирот ва таҳаввулоти дучор гардидани калимаҳои хоси шева, инчунин вобаста ба урфу одати маҳалҳои гуногуни тоҷикнишин васеъ гардидани доираи маъноии ин гурӯҳи калимаҳо ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Аз ин рӯ, мавзуи интихобнамудаи Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович мубрам ва саривактӣ буда, дар забоншиносии тоҷик то ҳол пурра ва ба таври васеъ мавриди пажуҳиш қарор нагирифтааст.

Мавзуи диссертатсия масъалаи омӯхтанашудаи забони тоҷикиро дар бар мегирад. Маводи таҳлилшуда ба лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи ҶӮ ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ тааллуқ дошта, бори нахуст ин қабати луғати забони зиндаи халқ ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Вобаста ба ин, диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ комилан мутобиқат мекунад.

**Дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии таҳқиқи** диссертатсионӣ ба миқдори муайяну кофии маводи таҳқиқ, эътимоднокии сарчашмаҳои илмӣ, дақиқияти маълумоти илмӣ, таҳлили забонии маводи ҷамъоваришуда ва ҳаҷми зарурии интишороти илмӣ вобаста мебошад.

**Нуктаҳои асосии** ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар 10 банд нишон дода шуда, мақсад, вазифаҳо ва мазмуну мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсионро дар бар гирифтаанд. Хулосаҳои муаллиф муҳтавои таҳқиқро ба таври мушахас ва бо тартиби мантиқӣ инъикос кардаанд. Дар диссертатсия вобаста ба табиати гӯйишҳо вижагиҳои шаклгириҳои гуногуни сарфӣ, дараҷаи корбасти унсурҳои морфологӣ, дар қолиби калимасозии мураккаб омадани калимаҳои хоси шева баён гардида, вобаста ба талаботи нутқ хусусияти инфиродӣ касб намудани онҳо муайян карда шудааст. Инчунин, таснифоти ин қабати лексикӣ дар ду гурӯҳ сурат гирифтааст: **ашёӣ** – калимаҳои шеваи ифодакунандаи мафҳумҳои хешутаборӣ; мафҳумҳои марбут ба хона ва ҳавлӣ; калимаҳои хоси шеваи ифодакунандаи хӯрокворӣ; асбобҳои зебу зиннати инсон ва ҳунари гулдӯзӣ; номҳои ҳайвонот, паранда ва ҳашарот; номҳои растаниву гиёҳ ва дарахту буттаҳо; узвҳои бадан ва бемориҳо; **ғайриашёӣ**: ифодаи амал, аломат ва замон бо лексикаи шевагӣ.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқоти** диссертатсионии мазкур дар он таҷассум меёбад, ки калимаҳои хоси шеваи лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи ҶӮ ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ нахустин маротиба ба таври васеъ таҳқиқ гардида, натиҷа ва хулосаҳои диссертатсия барои ҳалли масъалаҳои назариявии ин қабати лексикӣ, нишондоди ташаккул

ва таҳаввули он бо роҳҳои забонӣ ва ғайризабонӣ, инчунин таснифоти дақиқи мавзуии калимаҳои хоси шева ва як қатор масъалаҳои баҳсталаби забоншиносӣ ва шевашиносии тоҷик кумак мерасонад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои онро дар мавриди таълими фанҳои таърихи забон, шевашиносӣ, луғатшиносӣ, масоили мубрами бахши лексикология, калимасозӣ, инчунин таҳия ва таълифи барнома ва китобҳои дарсии таърихи забони тоҷикӣ, луғати шеваҳо, дарсҳои лексиониву семинарҳои махсуси шевашиносии тоҷик истифода бурдан мумкин аст.

Диссертатсияи **Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович** аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт, замима, ихтисораҳои истилоҳоти соҳавӣ ва диалектологӣ иборат буда, ҳаҷми умумии он 439 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Муаллиф дар муқаддимаи кор мубрамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи азхудкунии он, заминаҳои назариявию методологии рисолаи илмӣ, мақсад ва ҳадафҳои таҳқиқот, объекту мавзуи таҳқиқот, усулҳо, марҳилаҳо ва соҳаи таҳқиқот, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳаммияти назарию амалии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ҳаҷм ва сохтори диссертатсияро ба таври мушаххас баён кардааст.

Боби якуми диссертатсия **"Масъалаҳои таҳқиқ ва таснифи калимаҳои хоси шева"**(с.22-87) унвон дошта, аз чор фасл ва хулоса иборат аст. Дар фасли якум – "Таҳқиқи калимаҳои хоси шева дар забоншиносии хориҷӣ" доир ба омӯзиш ва таҳқиқи лексикиии вожаҳо дар шеваҳо ва вижагиҳои онҳо ва муҳиммияти омӯзиши онҳо дар забоншиносии хориҷ, хусусан забоншиносии рус мавриди баррасӣ қарор гирифта, фикру андешаҳои олимону донишмандони рус таҳлил гардидааст. Диссертант асосан ба масъалаи таснифи қабатҳои луғавии шеваҳо, гурӯҳбандии вожаҳои шевагӣ аз ҷониби олимон эътибори ҷиддӣ

дода, дар раванди таҳлил баҳс ташкил намуда, дар ин замина андешаҳои хешро баён кардааст. Фасли дувум "Таҳқиқи калимаҳои хоси шева дар забоншиносии тоҷик" ном дошта, дар мавриди таҳлил ва баррасии лексикаи лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ дар муқоиса аз ҷиҳатҳои савтӣ, лексикӣ, сарфию наҳвӣ дар забоншиносии тоҷик сухан меравад.

Дар фасли сеюми боби якум – "Мафҳуми калимаҳои хоси шева ва таснифоти он" муҳаққиқ моҳияти илмии калимаҳои хоси шеваро чун истилоҳи забоншиносӣ ба таври васеъ тавзеҳ дода, андешаҳои олимони хориҷӣ ва ватаниро оид ба ин мафҳум ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ менамояд ва бори аввал дар забоншиносии тоҷик мафҳуми илмии ин қабати луғавиро ба таври дақиқ баён менамояд. Дар фасли чорум – "Ҳудуди интишори калимаҳои хоси шева" дар мавриди ҳудуди корбасти вожаҳо вобаста ба омилҳои гуногуни забонӣ, тағйироти шакливу маъноӣ сухан рафта, тафовут, монандӣ, хусусияти корбасти калимаҳои хоси шева дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ аз ҷиҳати савтию сарфӣ ва наҳвӣ муқоиса ва муайян карда шудааст.

Боби дуюми рисола **"Роҳҳои ташаккули калимаҳои хоси шева"** (с.88-204) номгузорӣ шуда, аз се фасл ва даҳ зерфасл иборат аст. Дар фасли якум калимасозӣ ва роҳу усулҳои сохтани вожаҳо бо ёри пасвандҳо, васлшавии калимаҳо дар лаҳҷаҳои мавриди назар таҳлил ва баррасӣ гардидааст. Диссертант дар фасли мазкур мавқеи корбурди воситаҳои калимасозро аз ҷиҳати дараҷаи калимасозӣ ба сермаҳсул ва каммаҳсул гурӯҳбандӣ намуда, пасвандҳои -а, -ак, - ӣ (-гӣ) -ро сермаҳсул ном бурда, инчунин вазифаи калимасозӣ ва шаклсозии онҳоро бо далелҳо нишон дода, мавқеи истифодаи онҳоро дар лаҳҷаҳои муқоисашаванда муайян кардааст.

Дар фасли дуюм –"Манбаъҳои пайдоиш ва ташаккули калимаҳои хоси шева" калимаҳои шевагии мавриди назар аз ҷиҳати пайдоиш ба калимаҳои умумитоҷикӣ, иқтибосии арабӣ, туркӣ-ӯзбекӣ, русӣ-аврупоӣ

гурӯҳбандӣ шуда, мавриди пажуҳиш қарор гирифтаанд. Муҳаққиқ дар ин фасл дараҷаи корбаст ва ифодаи маънoии калимаҳои иқтибосиро бо мисолҳои фаровон баррасӣ намуда, тағйироти шакливу маънoии онҳоро вобаста ба ҳудуди истифода нишон медиҳад, ки усули таҳқиқ арзиши илмии рисоларо бештар мегардонад.

Фасли сеюми боби дувум – "Баррасии хусусиятҳои таърихии калимаҳои хоси шева" ном дошта, дар ин фасл вожаҳои зиёди адабӣ ва корбурди онҳо дар лаҳҷа таҳлил ва муқоиса карда шудааст. Аз таҳлили маводи ин фасл бармеояд, ки дар лаҳҷаҳои таҳқиқшаванда садҳо калимаи асили тоҷикӣ маҳфуз монда, ҳоло дар забони адабии тоҷик ҷойи онҳоро калимаҳои иқтибосӣ гирифтаанд.

Боби сеюми диссертатсия **"Таснифоти мавзуии калимаҳои хоси шева"** (с. 205-293) унвон дошта, аз чор фасл иборат мебошад. Фасли якуми боби мазкур "Таҳқиқи лексикаи ашёӣ" номгузорӣ шуда, аз ҳашт зерфасл иборат мебошад. Зерфасли якум – "Калимаҳои шеваи ифодакунадаи мафҳумҳои хешутаборӣ" ном дошта, вожаҳо аз ҷиҳати мансубият ба ҷинси занона ва мардона, умумиҷинс тасниф гардида, бо маводи зиёди амалӣ муқоиса ва баррасӣ шудааст. Дар зерфасли дуюм –" Калимаҳои хоси шеваи ифодакунадаи мафҳумҳои марбут ба хона ва ҳавлӣ" доир ба истифодаи вожаҳои лаҳҷавии ифодакунандаи мафҳуми мансуб ба хона ва ҳавлӣ дар лаҳҷаҳои муқоисашаванда аз ҷиҳати семантика баррасӣ гардидааст. Дар зербоби сеюм-" Калимаҳои хоси шеваи ифодакунадаи хӯроквори ва мафҳумҳои марбут ба он" он вожаҳое таҳлил шудаанд, ки номи хӯроквориро ифода мекунанд.

Дар зерфасли чорум –" Калимаҳои хоси шеваи марбут ба либос, асбобҳои зебу зиннати инсон ва ҳунари гулдӯзӣ" доир ба истифодаи либос, асбобҳои зебу зиннати инсон ва ҳунари гулдӯзӣ дар лаҳҷаҳои муқоисашаванда баҳс меравад. Дар ин зерфасл муҳаққиқ маводи зиёдеро гирд оварда, аз рӯи мансубияташон ба ҷинсҳои мардона ва занона таҳлил намудааст. Зербоби панҷум "Калимаҳои хоси шеваи

ифодакунандаи номи ҳайвонот, паранда ва ҳашарот" номгузорӣ шуда, доир ба номи парандаву ҳайвонот ва тарзи корбурди онҳо дар калимаҳои шевагии мавриди назар таҳқиқ ва муқоиса гардидааст.

Дар зербоби шашум –"Калимаҳои хоси шеваи ифодакунандаи номи растаниву гиёҳ ва дарахту буттаҳо" маводи зиёди амалӣ гирд оварда шуда, аз ҷиҳати мавзуъ ва семантика гурӯҳбандӣ ва мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Зерфасли ҳафтум –"Калимаҳои хоси шеваи ифодакунандаи номи узвҳои бадан ва бемориҳо" номгузорӣ шуда, маводи гирдоварда ба ду зергурӯҳ тасниф шуда, аз ҷиҳати истифода, вижагиҳои маъноӣ ва савтиву сарфӣ баррасӣ гардидаанд.

Дар зерфасли ҳаштум – "Калимаҳои хоси шеваи ифодакунандаи ҷашну маросим ва ҳунарҳои мардумӣ" он вожаҳое мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, ки хоси лаҳҷаҳои мардуми Сурхондарё мебошанд ва қисме аз онҳо дар дигар лаҳҷаҳо истеъмол намешаванд. Масалан, калимаҳои элакбар, синабар – маросимест, ки дар тӯйи акди никоҳ аз рӯйи расму одат синаи говро пухта ба назди навдомод мегузоранд...; нозипешона – рӯймолчаи шоҳие, ки дар гирди сар мебанданд ва ғ.

Зербоби дуюм –"Таҳқиқи лексикаи ғайриашёӣ" унвон дошта, аз се зербоб иборат аст. Дар зербоби аввал таҳти унвони "Калимаҳои шеваи ифодакунандаи мафҳуми амал" ба таври васеъ феълҳои лаҳҷаҳои таҳқиқшаванда аз ҷиҳати сохт ба ду зергурӯҳ тасниф шуда, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф ба раванди ташаккули феълҳои таркибӣ дар лаҳҷаҳои мавриди назар таваҷҷуҳ намуда, омилҳои асосии ташаккули калимаҳои хоси шеваро дар доираи феъл хуб арзёбӣ менамояд.

Дар зерфасли сеюм – "Калимаҳои хоси шеваи ифодакунандаи аломат" он вожаҳои лаҳҷавие мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки аломати шахс ва ашёҳоро ифода мекунанд. Муҳаққиқ дар ин зерфасл

кӯшидааст, маводи гирдовардаро аз рӯйи семантика ва тарзи истеъмол гурӯҳбандӣ ва баррасӣ намояд.

**Хулосаю** натиҷагириҳои муаллифи дессертатсия ба далелҳои муътамади забонӣ асос ёфтаанд. Онҳо фарогири натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ буда, дар доираи 22 банд ҷамъбаст гардидаанд.

**Ба сифати сарчашмаҳои таҳқиқ** мисолҳои дар давоми солҳои 1996 – 2019 ҷамъовардаи муаллиф хидмат мекунанд, ки ба лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва гӯйиши ҷанубии забони тоҷикӣ мансуб буда, онҳо чандин афсона, манзума ва ривоятҳои халқии гуногунмавзуъро ташкил медиҳанд ва таҳлилу хулосаҳои илмии муаллифи диссертатсияро тақвият додаанд.

Асару мақолаҳои чопшуда мазмуну мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунанд. Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 2 китоб ва 41 мақолаи илмӣ ба табъ расидааст, ки аз ин шумора 23 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

Тавсияҳои амалии пешниҳоднамудаи муаллиф дар асоси натиҷагириҳои таҳқиқ пешниҳод шуда, дар рушди минбаъдаи илми шевашиносии тоҷик нақши муҳим мегузоранд. Онҳо метавонанд дар муайян намудани вижагиҳои маъноӣ, сохтории ин қабати лексикӣ кумаки амалӣ расонанд.

Аз мутолиаи онҳо маълум мешавад, ки муҳаққиқ ба истинод ва истифодабарӣ аз асарҳои илмӣ бо эҳтиром муносибат карда, иқтибосоти овардаашро бо сарчашма ва саҳифаи он ишора мекунад. Аз мутолиаи диссертатсияи Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки муҳаққиқ дар натиҷаи меҳнати чандсола ба мақсад расидааст. Таҳлилу муҳокима ва натиҷагириҳои илмии диссертант аз ҳар ҷиҳат ҷолиби диққат мебошанд.

Диссертатсияи Қурбонов Содиқ Ҳамроқулочич таҳти унвони «Таҳқиқи муқоисавии калимаҳои хоси шева дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи

Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи шевашиносии муосири тоҷик мебошад.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Ҳангоми таҳқиқ дар фасли якум ва дигар фаслҳо тартиби хронологӣ ба эътибори гирифта нашудааст.

2. Дар саҳ. 54 вожаи **таҳқиқотҳо** истифода гардидааст, ки нодуруст буда, шакли саҳеҳ таҳқиқот аст.

3. Баррасии сохти калимаҳо дар диссертатсия баъзан баҳсталаб мебошад: дар вожаҳои **севак** (саҳ.93), **рискак** (саҳ.99) пасванди *-ак* шаклсоз аст, на калимасоз; калимаи **лӯла** (с.101) рехта аст, мо решаи лӯл надорем; калимаҳои **пара** (саҳ.100), **тӯпӣ** (саҳ.103), поргӣ (саҳ.103) аз ҷиҳати сохт таҳлил мехоҳанд ва онҳо рехта мебошанд.

4. Дар фасли калимаҳои мураккаб вожаи **мисрон** (саҳ.113) шояд вожаи рехта бошад, таркиби онро муайян кардан лозим.

5. Дар зерфасли сеюми боби се бо калимаҳои ифодакунандаи номи хӯрок ашёҳои рӯзгор (саҳ. 217-222) омехта шудаанд, ки онҳоро дар алоҳидагӣ баррасӣ намудан мумкин аст.

6. Дар саҳифаҳои диссертатсия ғалатҳои имлоиву техникӣ ва услубӣ мавҷуданд (саҳифаҳои 44, 80, 89,90 ва ғ.)

7. Дар рисола насаби муҳаққиқон дар қавсайн бе зикри ном оварда шудааст: Абдуллоева, Замонов (саҳ.84) ва ғ.

Нуқсонҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии кори диссертатсиониро кам намекунанд. Дар ҳаллу фасли вазифаҳои муайяншуда диссертант маводу далелҳои зарурииро ба таври васеъ истифода мебарад. Муҳаққиқ аз пажуҳишҳо ва адабиёти илмии зарурӣ дар самти таҳқиқоташ хуб огоҳӣ дорад.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ ба меъёр ва талаботи охирини Комиссияи олии аттестатсионии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Ҳамин тарик, диссертатсияи Курбонов Содиқ Ҳамрокулович таҳти унвони «Таҳқиқи муқоисавии калимаҳои хоси шева дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти рақами 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илми филология, мудири
кафедраи забони тоҷикии МДТ
"Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон
ба номи Абуалӣ ибни Сино" Низомова С.Ф.
"24" феврали соли 2024

Суроға: 734003, ш. Душанбе,
н. Сино, маҳаллаи Навбаҳор, хонаи 622
Тел: 935154029
E-mail: sanobarnizomova66@gmail.com

Имзои Низомова С.Ф.-ро тасдиқ мекунам:
Сардои Раёсати рушди кадрии МДТ
"Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба
номи Абуалӣ ибни Сино" Сафаров Б.И.
"24" феврали соли 2024

Суроғаи муассиса:
734003, ш. Душанбе,
кӯчаи Сино 29-31;
тел:446003977; факс 2353496
E-mail:info@tajmedun.tj
Web: WWW. tajmedun.tj